# АГЕНТИИ ОМОРИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Бо Фармоиши Директори Агентии омори назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28.04.2010.
№12 тасдиқ карда шудааст

.

ДАСТУРАМАЛ

Доир ба тартиб додани ҳисоботи оморӣ дар бораи бақия ва хароҷоти сӯзишворӣ
(шакли №4 – таъминот)

<u>Нишондоди умумӣ</u>

1. Умуман корхона ва ташкилотҳои ҳамаи шакли моликият барои нимсолаи аввал ва як сол ҳисоботи омориро аз рӯи шакли №4 – таъминот тартиб медиҳанд:

ҳамаи корхона, ташкилот ва дигар хоҷагиҳои давлитӣ, ки дар тарози (баланси) мустақил қарор доранд, корхона ва муассисаҳои ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки дар тарози мустақилан қарор доранд (базаҳои автомобилӣ, матбааҳо, шифохонаҳо, табобатхонаҳои беҳдоштӣ, хонаҳои истироҳатӣ, муассисаҳои таълимӣ ва дигар хоҷагиҳо)–е, ки истеъмолкунандаи сӯзишворӣ ва маҳсулоти нафтӣ мебошанд;

ҳамаи корхона ва ташкилотҳое, ки дар тарози мустақил қарор доранду зери идоравии Тоҷикматлубот мебошанд, ҳамаи корхона ва ташкилотҳаи кишоварзӣ;

ҳамаи ташкилотҳое, ки сӯзишворӣ (аз он ҷумла маҳсулоти нафтӣ, гази моеъ ва табиӣ) истеъмол мекунанд ва ба аҳолӣ, аз он ҷумла ба коргарону хизматчиёни корхона ва ташкилот мефурӯшанд;

корхонаҳои иҷоравӣ (ташкилотҳои иҷоракор, ки умуман амволи давлатии корхонаро ба иҷора гирифтаанд), ки истеъмолкунандагони сӯзишворӣ мебошанд;

коперативҳо (бо шумораи умумии кормандони аз 50 нафар зиёд).

2. Тартиби пешниҳоди ҳисобот аз рӯи шакли №4-таъминот чунин аст:

2.1 дар санаи 5 баъди давраи ҳисобот пешниҳод мекунанд:

- ба мақомоти омории маҳалли ҷой гирифтаашон;
- ба ташкилоти болоии худ;

корхона ва ташкилотҳои зерин:

корхонаҳое (ташкилотҳое), ки дар тарози мустақил қарор доранд, ба ҳайати иттиҳодияи истеҳсолӣ дохил намешаванд;

корхонаҳое (ташкилотҳое), ки дар тарози мустақил қарор доранд, воҳидҳои истеҳсолӣ (филиалҳо), ки дар тарози мустақил қарор надоранду ба ҳайати иттиҳодияи истеҳсолӣ дохил мешаванд, фаъолиятшон дар ҳудуди якчанд вилоятҳои ҷумҳурӣ амалӣ мешавад;

савхозу колхозу, хоҷагиҳои деҳқонӣ, корхонаҳои байнихоҷагӣ ва ташкилотҳои соҳаи кишоварзӣ;

иттиҳодияи истеҳсолӣ, ки фаъолияташро дар ҳудуди якчанд вилоят анҷом медиҳад аз рӯи корхонаи асосӣ ҳисобот пешниҳод менамояд.

Корхонаҳое (ташкилотҳое), ки дар тарози мустақил қарор доранд, воҳидҳои истеҳсолӣ (филиалҳо)-е, ки дар тарози мустақил қарор надоранду ба ҳайати иттиҳодияи истеҳсолӣ дохил мешаванду фаъолияташон дар ҳудуди як вилояти ҷумҳурӣ сурат мегирад, танҳо ба нишонии ташкилоти болоии худ ҳисобот пешниҳод мекунанд.

2.2. дар санаи 10 баъди давраи ҳисобот:

иттиходияҳои истеҳсолӣ, ки фаъолияташон дар ҳудудии як вилояти ҷумҳурӣ анҷом мепазирад, умуман оид ба итттиҳодия ҳисоботи ҷамъбастӣ, аз он ҷумла нишондиҳандаҳои

ҳисоботи ҳамаи он чизе, ки ба корхона дохил мешаваду дар тарози мустақил мебошад, воҳидҳои истеҳсолӣ (филиалҳо) ва корхонаи асосӣ, ба нишониҳои зерин ҳисобот пешниҳод мекунанд;

-ба мақомоти омори маҳалли ҷойгирифтаи иттиҳодия, корхона, ташкилотҳо;

-ба ташкилоти болоии худ;

3. Агар корхона тобеи идораи вазорати ҷумҳуриявӣ бошад, ҳамчунин корхона ба ду идора ё вазорат тобеъ бошаду сӯзишворӣ ва маҳсулоти нафтиро чӣ аз ташкилоти болоии худ (вазорат) ва чӣ аз ҳукумат гирифта бошад, дар он сурат дар ҳисоботи шакли №4 –таъминот набояд истеъмоли сӯзишвории аз ҳукумат гирифташуда нишон дода шавад. Маълумот дар бораи бақия ва хароҷоти сӯзишвории аз ҳукумат гирифташударо бояд корхона дар давраи ҳисобот дар санаи 5 баъди давраи ҳисобот ба вай хабар диҳад.

4. хоҷагиҳои газ, ки ба аҳолӣ гази табиӣ ва гази моеъ хориҷ мекунанд, дар санаи 5 баъди давраи ҳисобот, ҳисобот пешниҳод мекунанд:

Муассисаҳои гази шаҳр:

Дар бораи хароҷоти сӯзишворӣ барои эҳтиёҷоти гази худи вилоят (ноҳия), маълумот дар бораи хориҷ намудани (фурӯши) гази табиӣ ва гази моеъ ба аҳолӣ аз рӯи шакли №4 таъминот ба ташкилоти болоии худ:

хоҷагиҳои гази вилоятӣ (ноҳиявӣ) дар санаи 8 баъди давраи ҳисобот ба ҳукумати вилоят (ноҳия), маълумот дар бораи фурӯши гази табиӣ ва гази моеъ ба аҳолӣ.

Ташкилотҳое,ки сӯзишвориро ба хоҷагиҳои газ барои эҳтиёҷоти худи ин корхонаҳо тақсим мекунад, дар асоси маълумотҳои гирифтанашон оид ба корхона ва ташкилотҳои зеридоравӣ дар санаи 10 баъди давраи ҳисобот, ба нишониҳои зерин ҳисоботи ҷамъбастӣ тартиб медиҳанд:

- ба мақомоти омории маҳалли ҷойгирифтаи иттиҳодия, корхона ва ташкилотҳо;

- ба ташкилоти болоии худ.

5. корхона ва ташкилотҳои зеридораи ҳукумат, ҳамчунин ташкилотҳои тобеи дуҷониба (тандурустӣ ва таъминоти ихтимоӣ, маориф, фарҳангу санъат, хӯроки умумӣ, савдо, муассисаҳои давлатӣ ва ғайраҳо), ки сӯзишвориро танҳо аз мақомоти иҷроия мегиранду зери идораи ҳукумат қарор доранд, дар санаи 5 баъди давраи ҳисобот ба шӯъбаи мақомоти иҷроия ҳисобот пешниҳод менамоянд.

ҳукумат дар бораи истеъмоли сӯзишворӣ дар асоси ҳисоботи гирифтааш аз корхонаҳо, ки дар сутуни 3 зикр шудааст (барои сӯзишвории аз ҳукумат гирифташуда) ва сутуни 4 (ҳисоботи аз гази вилоят (ноҳия) гирифташуда) дар бораи хориҷ намудани гази табиӣ ва гази моеъ ба аҳолӣ, ҳисоботи ҷамъбастӣ тартиб медиҳад.

Ба ҳамин тартиб, ҳукумат дар бораи ҳамаи ташкилотҳое, ки дар давраи ҳисобот ба фурӯши сӯзишворӣ ба аҳолӣ, ба коргарону хизматчиён машғул буданд, дар ҳисоботи худ маълумотҳоро нишон медиҳад.

Мақомоти иҷроияе, ки зери идораи ҳукумат қарор доранд, дар санаи 10 баъди давраи ҳисобот ба нишониҳои зерин ҳисоботи ҷамъбастӣ пешниҳод мекунанд:

- ба мақомоти омории маҳалли ҷойгирифтаи иттиҳодия, корхона ва ташкилотҳо;

- ба ташкилоти болоии худ.

6. идораҳо ва базаҳои (захираҳои) таъминот, ки ба таъминоти сӯзишворӣ ва маҳсулоти нафтӣ ба соҳаи кишоварзӣ машғуланд, дар бораи истеъмолоту тағйироти сӯзишвории воридшуда, яъне дар бораи бақия, воридот (дар фасли «Маълумотнома»(справка), дар бораи масраф барои эҳтиёҷоти худӣ ва таҳвил намудан барои таъминоти соҳаи кишоварзӣ (дар фасли «Маълумотнома» (справка), дар ҳисобот пурра нишон медиҳанд.

7. корхона ва ташкилотҳои системаи «Тоҷикматлубот»

7.1. ҳамаи корхона ва ташкилотҳое,ки сӯзишворӣ ва маҳсулоти нафтиро истеъмол мекунанд, ба аҳолӣ мефурӯшанду дар тарози (баланси) мустақил қарор доранд, дар санаи 5 баъди давраи ҳисобот ба ташкилоти болоии худ ҳисобот пешниҳод мекунанд.

7.2. ҷамъиятҳои истеъмолии ноҳиявӣ, ки корхона ва ташкилот доранду дар тарози мустақил қарор доранд, ба ташкилоти болоии худ ҳисобот пешниҳод мекунанд.

7.3. ҷамъиятҳои истеъмолии вилоятӣ ба нишониҳои зерин ҳисобот пешниҳод мекунанд:

- ба мақомоти омории вилоят;

- ташкилоти болоии худ.

8. ташкилотҳои вазорати иқтисод ва савдо, аз ҷумла ташкилотҳое, ки сӯзишворӣ ва маҳсулоти нафтиро ба аҳолӣ мефурӯшанд, дар бораи истеъмолу тағйироти ҳамаи намуди сӯзишворӣ ба нишонӣ ва дар мӯҳлати нишондодаи банди 2-и ҳамин Дастурамал ҳисобот пешниҳод мекунанд.

9. Корхона ва ташкилотҳои ХСШК «Тоҷикнафтрасон», аз ҷумла ташкилотҳое,ки ба аҳолӣ сӯзишвори ва маҳсулоти нафтӣ мефурӯшанд, ҳамаи сутунҳои ҳисоботро пур карда, онро ба нишонӣ ва мӯҳлати нишондодаи банди 2.1-и ҳамин Дастурамал ҳисобот пешниҳод мекунанд.

10. ҳисоботи шакли №4-и «таъминот»-ро дар асоси ҳуҷҷатҳои аввалия тартиб медиҳанд: борхатҳои молию нақлиётӣ, ордери баҳисобгирӣ, актҳо дар бораи қабули сӯзишворӣ, дархост, борхат барои ба берун хориҷ намудани сӯзишворӣ, корти анборхона оид ба ҳисобгирии сӯзишворӣ, феҳристи баҳисобгирии сӯзишворӣ ва ғайраҳо, ки муҳосиб тафтиш ва санҷидааст.

11. ҳамаи сӯзишворие, ки амалан дохил шудааст (аз ҷумла аз захираи эҳтиётии давлат озодшуда) ва аз тарафи корхонаҳо (ташкилотҳо) – истеъмолкунандаҳо дар давраи ҳисобот барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ, истифодабарӣ, сохтмон, кишоварзӣ, коммуналӣ, фарҳангию маишӣ, нақлиёт ва дигар эҳтиёҷоти корхона ё ташкилотҳо (аз ҷумла, эҳтиёҷоти ҳамаи корхонаҳои ёрирасон ва ташкилотҳое, ки дар баланси корхонаи ҳисоботдиҳанда қарор доранд) хароҷот шудааст, ё ба коргарону хизматчиён, колхозчиён, ба аҳолӣ фурӯхташуда, инчунин сӯзишворие, ки дар бақияҳои корхонаҳо, колхозу савхозҳо дар охири давраи ҳисобот ба ҳисоб гирифта шудаанд, дар ҳисоботи шакли № 4 - таъминот бояд ба ҳисоб гирифта шаванд. ҳамчунин бақияи сӯзишвориҳои дегҳо, анборҳои сехҳо, дастгоҳҳо ва таҷҳизоти истеҳсолӣ, сархинҳо, таҳхонахо, ҷойҳои доимӣ ва дигар ҷойҳои нигоҳ дошташуда, ки барои эҳтиёҷоти истеҳсолӣ, сохтмон кишоварзӣ ва дигар эҳтиёҷот, ба санади масраф расонда шудаанду аммо дар амал ҳанӯз то охири давраи ҳисобот дар анборҳо хобидаанд, ба ҳисобот дохил кардан зарур аст. ҳамчунин бақияи сӯзишворие, ки дар паровозҳо, депоҳо, борхомаю бакҳои автомобилҳо мавҷуданд ба ҳисобот дохил карда мешаванд.

корхонаҳои истеъмолкунандаи сешишворӣ, ки дар айни замон истеҳсолкунандаи он мебошанд (конҳои ангишт, заводҳои коргарду истихрохи нафт, корхонаҳои саноати нафту газ), дар ҳисоботи худ дар ҳамаи сутунҳои истеъмолу ҳаракати сӯзишворӣ танҳо сӯзишвории истеҳсоли (истихрохи) худиро, ки барои технологияи худи корхона таъин карда шудааанд (аз он ҷумла масрафи сӯзишворӣ ба сифати ашёи хом барои аз нав коркарди дигар намуди сӯзишворӣ на барои маҳсулоти сӯзишворӣ) ва эҳтиёҷоти энергетикӣ бо назардохти корхона ва ташкилотҳои ёвар, ки дар тарози онҳо мебошанд, сӯзишвории истеҳсоли худӣ, ки барои фурӯши минбаъда ба истеъмолкунандагон ҳамчун маҳсулоти молӣ пешбинӣ шудааст, дар ҳисобот нишон дода намешавад.

ташкилотҳои савдо аз миқдори умумии сӯзишвории аз корхонаҳои истихрохкунандаи сӯзишворӣ ё корхонаҳои истеҳсолкунандаи сӯзишворӣ дар ҳисоботи шакли №4 таъминот, танҳо ҳамон қисмеро нишон медиҳанд, ки барои эҳтиёҷоти худи онҳо таин шудааст. Сӯзишвории гирифтаи ин корхонаҳо ё ташкилотҳо барои таъминоти минбаъдаи истеъмолкунандагон дар ҳисобот ба ҳисобот гирифта намешавад.

ташкилотҳои таъминкунандаю фурӯшандаи ангишт, ки аз анборҳои худ, захираҳои сӯзишворӣ бевосита ба аҳолӣ, коргарон, хизматчиёни дигар ташкилотҳо (берун аз ташкилотҳое, ки ба онҳо вазифаи фурӯши сӯзишворӣ гузошта шудааст) аз рӯи иҷозатномаи мақомоти иҷроия сӯзишворӣ хориҷ кардаанду зери идораи ҳукумат қарор дораанд, ба ҳисоботи шакли №4 таъминоти ин маълумотҳо дохил карда намешаванд, вале ҳатман ба ҳукумат ба шӯъбае, ки оид ба хориҷ намудани сӯзишворӣ ба категорияҳои нишондодашудаи кормандону аҳолӣ тақсимоти сӯзишвориро пеш мебаранд, маълумотнома пешниҳод мекунанд.

12. Бо мақсади гирифтани маълумоти пурра ва мӯътамад дар бораи бақия ва масрафи сӯзишворӣ дар давраи нишондодашуда роҳбарон, сармуҳосибон ва сардорони шӯъбаҳои таъминотии корхонаю ташкилотҳо ехдадоранд, қабул, нигоҳдорӣ ва хориҷ намудани ҳамагуна намуди сӯзишвориро таъмин намоянд, инчунин бо диққат пеш бурдани ба ҳисобгириро дар анборхонаҳо, дар сехҳо, дар майдончаҳои бинокорӣ ва дар дигар ҷойҳо нигоҳдорӣ ва муҳофизатро низ таъмин намоянд. ҳамаи сӯзишвории (аз ҷумла ба ҷое навиштанашуда, яъне барои хориҷ намудан ҳуҷҷатнашуда) ба корхона то соати 24 рӯзи чоруми ояндаи давраи ҳисобот

воридшуда, бояд пурра ба қайд гирифта шавад ва дар ҳисоботи шакли №4 таъминот нишон дода шавад.

ҳамаи ҳуҷҷатҳо оид ба қайдгирӣ ва масрафи сӯзишворӣ дар давраи ҳисобот бояд сари вақт кор карда шаванд ва дар ҳуҷҷатҳои сабти анборхонаҳо ва муҳосибон ба ҳисоб гирифта шаванд, то ки дар охири давраи ҳисобот ягон намуди сӯзишворӣ аз ҳисоби анборҳо берун намонад ва сӯзишворие, ки амалан анборхона хориҷ намудааст, бояд сари вақт аз ҳисоби мавҷудаи анборхона ба акти масраф расонда шавад.

Муҳосибаи корхона (ташкилот) ӯҳдадор аст, сабту ба қайдгирӣ ва ба ҳисобгирии сари вақт, пурра ва дурустии кортҳои анборхонаҳои сӯзишвориро мунтаззам тафтиш кунад. Ғалат ва хатогиҳои ошкоршуда бояд зудтар ислоҳ карда шаванд.

Тафтишу санхиши маълумотҳои ба ҳисобгирии анборҳо ва муҳосибаҳоро муҳосиба на танҳо аз рӯи ҳуҷҷатҳои ба қайдгирӣ ва хароҷот, балки бо роҳи муқоисаи интихобии маълумотҳои ба ҳисобгирӣ аз намудҳои ҷудогонаи сӯзишворӣ бо бақияи амалӣ дар шакли асл (ноппура) бояд тафтиш кунад.

## II Нишондод оиди пур кардани шакли №4 таъминот

ҳангоми пур кардани шакли №4 - таъминот дар қисмати суроға номи пурра ва суроғаи қабулкунандаи ҳисобот бояд нишон дода шавад; номи пурраи иттиҳодия, корхона (ташкилот), хоҷагии ҳисоботдиҳанда; корхона ва ташкилоти тобеи (вазорат, ассосиатсия, кооператив, дигар иттиҳодияҳои хоҷагидор, ҳукумат, ба система дохил мешаванд, ки ташкилоти мазкур) (корхона) дохил шудааст. Дар ин маврид корхонае, ки тобеияти дуҷониба дорад (вазорат, инчунин ҳукумат) номи вазорат нишон дода мешавад, на номи ҳукумат; дар сатри «суроға» маҳалли ҷойгирифтаи корхона (ташкилот), номи вилоят, ноҳия, шаҳр, суроғаи пушта нишон дода мешавад.

Ғайр аз ин, иттиҳодияҳои истеҳсолӣ, ҳукумат ва дигар ташкилотҳое, ки ҳисоботи хамбасти пешниҳод мекунанд, бояд дар охири ҳисобот шумораи корхона ва ташкилотҳои зеридораашонро, ки дар тарози (баланси) мустақил қарор доранд, аз ҷумла корхонаҳои асосӣ, маълумотҳое, ки дар ҳисобот дохил карда шуданд, нишон диҳанд. Дар ин маврид мақомоти иҷроия, ки зеридораи ҳукумат мебошанд, ташкилотҳое, ки тобеияти дутарафа доранд, нишон намедиҳанд.

Воҳидҳои истеҳсолӣ, ки дар тарози иттиҳодияи истеҳсолӣ ё дар дигар ташкилот қарор доранду ба ҳайати иттиҳодияи истеҳсолӣ, ба дигар ташкилот дохил мешаванд, ба шумораи корхона дохил карда намешаванд.

Дар охири ҳисобот ному насаб ва рақами телефони тартибдиҳандаи ҳисоботро ҳатман нишон додан зарур аст.

ҳангоми пур кардани рамзҳо, ки дар қисмати рости гешаи болоии варақа ҷойгиранд, дар пур кардани сутуни 8 «Рамзи соҳа аз рӯи таснифоти умумии соҳаҳои хоҷагии халқ «ТУСХХ»» диққат додан зарур аст. Дар ин сутун корхонаҳо, (ташкилотҳо) тобеияти худро нисбат ба соҳаҳои иқтисодиёт мувофиқи «классификатори (таснифоти) умумииттифоқии (собиқ) соҳаҳои хоҷагии халқ» нишон медиҳанд.

Воҳиди таснифотии соҳа ин корхона, ташкилот, муассиса, хоҷагие мебошад, ки дар тарози мустақил қарор дорад.

ҳар кадом корхона (ташкилоти) ҷудогона вобаста ба хусусияти асосии намуди фаъолият, метавонад ба яке аз соҳаи хоҷагии халқ ворид карда шавад.

Ба нисбати давра ба давра гузаштан ба таснифоти нави фаъолияти иқтисодӣ (ТУФИ) рамзҳои ТУСХХ ва ТУНФИ муваққатан баробар фаъолият мекунанд.

Корхонаю, иттиҳодияҳои саноатӣ, ки маҳсулоти гуногуннавъ истеҳсол мекунанд, инчунин хонаҳо ва комбинатҳои хизмати маишӣ (дар қисмати фаъолияти саноатӣ), ҳамчун воҳиди таснифоти пурра ба ҳамон соҳаи саноат марбут аст, ки ба қисмати афзалиятноки ҳамон қисмати маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо ба ифодаи арзиш мувофиқат мекунад. Масалан, заводи мошинсозӣ, ки сехи пулодгудозӣ ё прокатбарорӣ дорад, ба соҳаи «мошинсозӣ ва ба коркарди фулузот» марбут аст, фабрикаи селлюлозаи қоғаз, ки сехи кимиёвӣ дорад, ба саноати соҳаи ҷангал, коркарди чӯбу тахта ва селлюлозаю қоғаз марбут аст.

Агар дар ҳайати иттиҳодияи истеҳсолӣ корхонае мавҷуд бошад, ки дар тарози (балансӣ) мустақил қарор надорад, дар он сурат ба он соҳае марбут дониста мешавад, ки умуман ба иттиҳодияи истеҳсолӣ тааллуқ дорад.

**Пур кардани фасли 1**
**«Бақия ва масрафи сӯзишворӣ»**

Дар сутуни А-и шакли №4 «таъминот» рақами сатрҳо гузошта шудаанд.

Дар сутуни Б ҳамаи намудҳои сӯзишворӣ, ки дар корхонаҳо (ташкилотҳо) истифода шуданд, оварда мешаванд.

13. Дар сатрҳои 1001 «Бензинҳои ҳавопаймо» 1010, «Бензинҳои автомобилӣ», 1030 «сӯзишвории дизелӣ» 1070, «сӯзишвории муҳаррикӣ» ҳамаи тамға ва навъҳои маҳсулоти нафтии нишондодашуда бо тонна оварда мешаванд. Дар ин сатрҳо танҳо бензинҳои махсуси омехташаванда, бензини «Калоша», «Уайтспирт» ва ғайраҳо ба ҳисоб гирифта намешаванд.

Дар сатри 1020 «керосинҳо», умуман ҳамаи намудҳои керосин-тракторӣ, решноидиҳанда ва ҳавопаймо бо тонна нишон дода мешаванд.

Агар дар корхонаҳо ё дар ташкилотҳои ҷудогона баҳисобгирии бензинҳои ҳавопаймо ва автомобилӣ, сӯзишвории дизелӣ, керосини муҳаррик бо литр ихро карда шавад, дар он сурат ҳангоми аз нав ба ҳисобгирӣ аз ҳахм ба воҳиди вазн гузаштан зарур аст, ки таносуби пурраи амалии онҳо, бо ченкунии нафти денсиметрӣ дар давраи гузаронидани баҳисобгирӣ истифода карда шавад. Барои ин миқдори литрҳоро бо таносуби амалӣ зарб задан зарур аст ва натиҷаро бо 1000. Дар мавриди мавҷуд набудани денсиметри нафтӣ бозҳисобро аз воҳиди ҳахм бо воҳиди вазн анҷом додан зарур аст, аз зичии миёна санҷидашуда истифода бурда шавад, ки дар давраи ҳисобот ҳисобу китоб карда шудааст. Барои ҳисобу китоб зичие истифода карда мешавад, ки дар ҳар кадом гурӯҳи дахлдори маҳсулоти нафтии дар борхати молу нақлиёти ба корхона воридшуда нишон дода шудаанд.

зичии миёнаи санҷидашуда ба тартиби зайл муайян карда мешавад:

Масалан, дар давраи ҳисобот ба корхона се гурӯҳ бензини автомобилӣ оварда шуд: гурӯҳи якум-2000 тонна бо зичии дар борхати молию нақлиёти нишон додашуда, ба 0,72 баробар аст; гурӯҳи дуввум-5000 тонна -0,74; гурӯҳи сеюм- 8000 тонна бо зичии -0,735 ҳамин тавр, ба корхона дар давраи ҳисобот 15000 тонна бензин ворид шуд. Мувофиқи зичии нишондодашуда, миқдори бензини автомобилӣ ба корхона ворид шударо бо воҳидхои ҳахмӣ муайян менамоем:

$$\frac{2000x1000}{0,72} + \frac{5000x1000}{0,74} + \frac{8000x1000}{0,735} = 20419x1000 \text{ (л)}$$

зичии миёнаи санҷидашуда хар се гурӯҳ бошад $\frac{15000 \ x \ 1000}{20419 \ x \ 1000}$ =0,734 ташкил медиҳад.

Минбаъд бозҳисоб барои аз воҳидҳои ҳахм ба воҳиди вазн гузаштан мисли дар боло нишон додашуда оварда мешавад.

Дар ҳисоботи шакли № 4 «таъминот» ҳаракату тағйироти се намуди маҳсулоти нафтӣ, ки амалан ба корхона ворид шуда сарф шудаанд, новобаста аз он, ки онҳо ба ҳисоби кадом намуди сӯзишворӣ гирифта шудаанд, нишон дода мешавад. Масалан, агар корхона ба ҳисоби мазути сӯзишворӣ дизелӣ сӯзишвори гирифта бошад, дар он сурат масрафи сешишвории дизелӣ дар ҳисобот нишон дода мешавад, на мазути сӯзишворӣ.

Дар сатри 1040 «сӯзишвории танурии маишӣ», ҳамчун сӯзишвории камсулфат (на бештар аз 0,5 фоиз сулфур дорад), ҳам сӯзишвории сулфат (1,2 фоиз сулфур дорад), барои таъминоти аҳолӣ ва эҳтиёҷоти маишӣ-коммуналӣ таъин шудааст, навишта мешавад.

Дар сатри 1050 «Мазути сӯзишворӣ» мазуте, ки аз нафт ҳосил шудааст, (мазути камсулфат, миёнасулфат ва баландсулфат) ба ҳисоб гирифта мешавад, ки корхонаи истеъмолкунанда ҳамчун сӯзишвории дегҳо, ҳамчунин барои мақсадҳои технологӣ гирифта шудаанд, ва на барои эҳтиёҷоти сӯзишворӣ истифода мекунад. Корхонаҳои коркарди нафт дар сатри 1050 «Мазути сӯзишворӣ» ғайр аз мазути сӯзишворӣ, инчунин ҳамон миқдори маҳсулоти нафтии моеи истеҳсолоти худиро (нафти бензиндорро дар дастгоҳҳои мӯътадилкунонии нафт, омехтаҳои мобайнӣ), ки дар шароити истеҳсолот барои эҳтиёҷоти худӣ ҳамчун сӯзишворӣ масраф шуда буданд, бояд нишон диҳанд:

дар ҳамин сатр низ корхонаҳои зикршуда мазути мустақим гузаронидашударо танҳо ба миқдоре, ки барои эҳтиёҷоти худӣ ҳамчун сӯзишворӣ масраф кардаанд, нишон медиҳанд.

Дар сатри 1090 «гази табиии сӯзишвори» тамоми гази табии, аз ҷумла гази сарироҳӣ, ки ба корхона дохил мешавад, ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 1150 «гази моеъ» корхонаҳои истеъмолкунанда ҳамон ҷузъҳои гази моеъро, ки ба сифати сӯзишворӣ ё ҳамчун ашёи хом дар истеҳсолоти маҳсулоти кимёвӣ истифода мекунанд, ба ҳисоб мегиранд.

Дар сатрҳои 1100 «равғани муҳаррик», 1110 «Автолҳо», 1120 «Равғани саноатӣ», 1130 «Нигролҳо», ҳамаи маводи сӯзишворию равғанҳои молиданӣ-чарбкунанда, ки ба корхонаҳо, ташкилотҳо ворид мешаванд, нишон дода мешаванд.

«Ғелакҳои ангишт» ба миқдори умумии ангишт дохил мешаванд, аз ҷумла ба миқдори ангишти Донетск, Узбекистон ва гайраҳо. Ғелакҳои ангишти бури Украинӣ, ғелакҳои ангишти бури бошқирӣ ба ангиштҳои дахлдори ҳавзаҳо-конҳо дохил карда намешаванд ва дар ҳисобот дар сатри алоҳида нишон дода мешаванд.

Агар дар корхонаҳо ангишт ва ғелаки ангишти якчанд ҳавза ва ё кон масраф шавад, дар он сурат дар сутуни Б ғайр аз нишондиҳандаи «Ангишт ва маҳсулоти аз нав коркарди ангишт» бояд ангишт ва ғелакҳои ангишти ҳар кадом ҳавза, кон ба тартиб бо навиштахот дар сутуни А № сатр нишон дода шавад.

Дар сатри 1660 «Кокси хушки металлургӣ» тамоми кокси домнагӣ ва рехтагарӣ ба андозаи пора-пораи 25 мм ва бештар ба ҳисоб гирифта мешавад.

Дар сатри 1670 «Ғурӯшаҳои КОКСИ хушк (коксик)» (10-25 мм) ва сатри 1680 «кокс майда» (0-10 мм) миқдори кокс бо нишон додани андозаи пораҳои кокс навишта мешавад.

Агар корхонахо ҳангоми бехтани кокси воридшуда як миқдори муайян ғурешаи партов гирифта бошанд, дар он сурат ғурешаҳои гирифташударо дар сатри «кокс-майда» ва миқдори боқимондаро дар сатри «кокси хушки металлургӣ» менависанд.

Кокси хушки металлургӣ, инчунин коксик ва коксмайда бо вазни хушк гардонда навишта мешавад.

Масалан, агар коксмайда 10 фоиз нам дошта бошад, дар он сурат вазни аслии натуралии 9 бо 0,9 зарб карда шавад, яъне вазни хушки вай, ки дар ҳисобот навишта мешавад, 90 фоизашро ташкил медихад.

Дар сатри 1690 «ҳезуми сӯзишворӣ» ҳезуми сӯзишворӣ нишон дода мешавад. Дар сатри ишорашуда тахтаҳои коромади чӯбин ва чӯбҳои камарзиши навъҳои коромад, инчунин чӯбҳои бесифати коромад, ки аз рӯи акти масраф ҳамчун ҳезум оварда шуданд, ба ҳисоб гирифта мешаванд.

ҳезуме, ки барои мақсадҳои сӯзишворӣ гирифташудаанду баъди барои истифодаи маснуоти гуногун (тахтачаҳои борхома, аррамайда ва ғайра), барои эҳтиёҷоти худӣ, инчунин барои ҳезум, барои тайёр намудани занҷирҳои технологӣ ва борхома масраф шудаанд, дар сатри 1690 «ҳезум барои сӯзишворӣ» бо нишон додан аз он ҷумла дар сатри ҷудогона (сатри 1692) ҳамин миқдор нишон дода мешаванд.

ҳезуме, ки бо иҷозати мақомоти иҷроия, зеридораи ҳукумат кормандони кишоварзӣ тайёр кардаанд, дар сутуни 7 «Ғайр аз ин, аз аввали сол ба коргарону хизматчиён хориҷ (фурӯшта) карда шудааст» нишон дода мешавад.

Партовҳои чӯбтайёркунӣ ва коркарди чӯб (чӯбу тахтаҳои ғурмдор, сезанбарг, пораҳо, порчаҳои буридаи чӯбин, параха, аррамайда, пест, кундаю решаҳо), инчунин ба сифати сӯзишворӣ истифода кардани чӯбҳои (шпалҳои) ғайриқобили истифодаи зери хатти роҳи оҳан, пояҳои ғайри қобили истифодаи конҳо, симчӯбҳои алоқа, борхомаҳои чӯбин, болорҳои аз биноҳои кӯҳна кандашуда ва ғайра, ки ҳамчун ҳезум чӣ ба худи корхона ва чӣ ба аҳолӣ, коргарону хизматчиён хориҷ кардашуда, дар сатри 1690 «ҳезум барои сӯзишворӣ» нишон дода намешавад, аммо дар охири ҳисобот дар сатри 1700 «Дигар намудҳои сӯзишворӣ» дар бозҳисоби сӯзишвории шартӣ нишон дода мешаванд.

Ба эътибор гирифтан зарураст, ки ҳезум бояд танҳо бо метри мукааби зич нишон дода шавад. Агар дар корхонаҳо баҳисобгирии ҳезум бо метри мукааби анборхонаҳо амалӣ шуда бошад, дар он сурат зарур аст, ки бо роҳи зарб задани миқдори метри муаакаби анбор бо 0,7 коэффисиент бо зичии метрии мукааби чӯби анборхона аз нав ҳисоб карда шавад.

Саксавул дар сатри 1690 « ҳезум барои сӯзишворӣ» ба ҳисоб гирифта мешавад. Бо метри мукааби зич ҳезуми саксавул ба тартиби зайл ҳисоб карда мешавад:

- агар саксавул дар корхона бо метри мукааби анборхона ба ҳисоб гирифта шуда бошад, дар он сурат барои бозҳисоби он бо метрии мукааби зичи ҳезум зарур аст, ки миқдори метри мукааби анборхона бо коэффисиенти 0,677 зарб зада шавад;
- агар саксавул бо метри мукааби зичи саксавули анборхона ҳисоб карда шуда бошад, дар он сурат барои ҳисоби он бо метри мукааби зичи ҳезум зарур аст, ки миқдори метри мукааби зичи саксавул бо коэффисиенти 1,99 зарб зада шавад;
- агар саксавул бо тонна ҳисоб карда шуда бошад, дар он сурат барои бозҳисоби он бо метри мукааби зичи ҳезум зарур аст, ки миқдори тонна бо коэффисиенти 2,09 зарб зада шавад.

14. Намудҳои сӯзишворие, ки дар сутуни Б-и шакли №4 таъминот ба ҳисоб гирифта нашудаанду

корхона барои сӯзишворӣ гирифта истифода кардааст, хамчун сӯзишвории шартӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд ва дар сатри 1700 «Дигар намуди сӯзишворӣ» навишта мешавад.

Агар корхона нафти хом сарф карда бошад, дар он сурат масраф ва бақияи нафтро дар сутуни 1700 «Дигар намуди сӯзишворӣ» ҳамчун сӯзишвории шартии ҳисобидашуда, инчунин дар сатри 1720 нишон додан зарур аст.

ҳамаи намудҳои сӯзишворӣ дар ҳисобот бо ифодаи асл (натуралӣ), ба истиснои сӯзишворие, ки дар сатри 1700 «Дигар намуди сӯзишворӣ» нишон дода шудааст, бо тоннаи шартии сӯзишворӣ ба ҳисоб гирифта мешавад.

Бозҳисоби ин намудҳои сӯзишвориро ба таври шартӣ бо қобилияти гармидиҳии 7000 ккал/кг ,чун қоида, корхонаҳо бояд дар асоси муайянкунии даврагии қобилияти гармидиҳии сӯзишворӣ анҷом диҳанд.Агар қобилияти гармидиҳии сӯзишвориро бо роҳи лаборатория муйян кардан мумкин нашавад, дар он сурат эквиваленти калорияноки миёнаро истифода мебаранд, ки дар Замимаи 1 нишон дода шудаст.

Барои бозҳисоби ҳаргуна намудҳои сӯзишворӣ ба таври шартӣ зарур аст, ки миқдори аслии (натуралии ) сӯзишворӣ ба намуди мазкури дахлдори сӯзишворӣ бо эквиваленти калориянокӣ, ки дар Замимаи 1 нишон дода шудааст зарб зада шавад.

15. Дар сутуни В воҳидҳои ченак нишон дода шудаанд, бояд дар онҳо маълумотҳои ҳисобот навишта шуда бошанд.

ҳамаи намудҳои сӯзишвории сахти маъдани, сӯзишвориҳои моеъ, инчунин гази моеъ бо тонна оварда мешаванд; ҳезум–бо метрии мукааби зич; сӯзишвории газмонанд (гази табиӣ ва гази сарироҳӣ)–бо ҳазор метри мукааби стандартӣ (метри мукааби стандартии газ ин метри мукааби газ дар ҳолате мебошад, ки ба ҳарорати 20 дарахаи Селсий ва фишори 700 мм пояи симобро соҳиб бошад, ба эътибор гирифта мешавад.

ҳамаи маълумотҳо дар ҳисобот, бо миқдори пурра бо ҷамъбасти афзоянда аз аввали сол оварда мешаванд. Аз рӯи ҳар кадом намуди сӯзишворӣ ҳамаи сутунҳои ҳисобот пур карда мешаванд, ғайр аз сатри 1692 «аз миқдори умумии ҳезум-барои эҳтиёҷоти ғайри сӯзишворӣ сарф карда шудааст», зеро танҳо сутуни 2 « Аз авали сол масраф карда шудааст-ҳамаги» пур карда мешавад. (Махмеи сутунҳои 3+4+5 нишон дода мешавад).

16. Дар сутуни 2 «ҳамагӣ аз авали сол сарф карда шудааст» ҳамаи хароҷоти амалии сӯзишворӣ дар давраи ҳисобот, аз он ҷумла, хароҷоти истеҳсолию истифодабарӣ, сохтмон, нақлиёт, кишоварзӣ, коммуналӣ, фарҳангию маишӣ ва дигар эҳтиёҷоти корхона (ташкилот) оварда мешавад.

Ба хароҷоте, ки дар ин сутун навишта шудаст, инчунин талафоти истеҳсолию технологӣ дохил карда мешавад, ин бевосита ба шароитҳои истифодаи сӯзишворӣ дар хараёни технологӣ ё ба вухуд омадани он ба дигар намуди сӯзишворӣ ва энергия (гармӣ), инчунин тартиб додани актҳои дахлдор оид ба талафот ва камомади сӯзишворӣ ҳангоми нигоҳдори ва ҳамлу нақл вобаста аст.

хоҷагиҳои автомобилии Вазорати нақлиёт, ки ба тартиби муттамарказӣ ба корхона ва ташкилотҳои дигар вазоратҳо хизмат мерасонанд ва дар ин ҳангом бензин автомобилӣ ва

сӯзишвории дизелӣ, ки аз корхонаҳои ба онҳо хизматрасонанда гирифтаанд, дар бораи ҳаракату гардиши сӯзишвории нишондодашуда бояд дар ҳисоботи худ маълумот дохил кунанд.

Корхонаҳое, ки сӯзишвориро ба хоҷагиҳои автомобилӣ, ба дигар вазоратҳо хориҷ мекунанд, ин миқдорро дар фасли 2 «маълумотнома (справка)» дар сатри 2050 «Аз аввали сол ба корхонаҳо ва ташкилотҳои дигар вазоратҳо хориҷ карда (фурӯшта) шудааст», менависанд.

Корхона ва ташкилотҳо, нақлиёти автомобилӣ, ки ба ҷамъоварии ҳосил дар кишоварзӣ ҷалб карда шудаанд, дар ҳисоботи шакли №4 таъминот ҳам дар воридоти сатри 2001 фасли 2 «Маълумотнома», ҳам дар хароҷоти фасли 1 «боқимонда ва хароҷоти сӯзишворӣ» миқдори бензини автомобилӣ ва сӯзишвории дизелӣ, ки барои кори нқклиёти ишорашуда аз ташкилотҳои кишоварзӣ гирифта шуданд, нишон медиҳанд.

Миқдори сӯзишворӣ, ки корхонаҳо аз ташкилотҳои кишоварзӣ гирифтаанду дар нақлиёти автомобилии ба корҳои кишоварзӣ ҷалбкардашуда масраф карда шудааст, дар фасли 2 «Маълумотнома» дар сатри 2001 нишон дода мешавад.

Роҳхатҳои хоҷагӣ - соҳиби автомобилҳо, ки дар барои ҷамъоварии ҳосил дар асоси тартиботи муқараршуда, ё тасдиқнома дар бораи кори автомобилҳои боркаш, ки бо сафархати дигар ташкилотҳо кор кардаанд, барои дохил кардани маълумотҳо оиди хароҷоти сӯзишворӣ ба ҳисобот асос шуда метавонанд.

Ташкилотҳои кишоварзи, ки дар генераторҳои гармидиҳанда сӯзишвории дизели месезанд ва хароҷоти онро барои тайёр кардани орди витаминдор амалӣ карданд, ин миқдор сӯзишвории диделиро дар сутуни 2-и ҳисобот ва фасли 2 «Маълумотнома» дар сатрҳои 2005 ва 2096 дохил мекунанд.

17. Дар сутуни 3 «Аз он ҷумла дар кори нақлиёти автомобилӣ» масрафи сӯзишворӣ, ки дар кори ҳамаи намудҳои нақлиёт (автомобилӣ, роҳи оҳан, ҳавопаймо ва ғайра) сарф карда шудааст, нишон дода мешавад.

18. Дар сутуни 4 «Аз ҷумла барои эҳтиёҷоти коммуналию маишӣ сарф карда шудааст» масрафи умумии сӯзишворӣ дар ҳамаи объетҳои коммуналию фарҳангӣ ва маишӣ, ки дар тарози корхонаҳои (ташкилотҳои) ҳисоботдиҳанда қарор доранд, нишон дода мешавад: масрафи ошхонаҳо, буфетҳо, душҳи ғусл, ҷомашӯйхонаҳо, нуктаҳои беҳдоштию тандурустӣ, боғчаҳои бачагона, кӯдакистонҳо, толорҳо, қасрҳои фарҳангӣ, майдонҳои варзишӣ, хонаҳои истироҳатӣ, истироҳатгоҳҳои пешоҳангон, хобгоҳҳо ва дигар таъиноти ташкилотҳои коммуналӣ, фарҳангию маишӣ (ғайр аз объектҳои таиноти коммуналию маишӣ, ки дар биноҳои истеҳсолию маъмурии корхона ҷойгир шудаанд) ҳангоми дар онҳо мавҷуд набудани ба ҳисобгирии ҷудогонаи хароҷоти сӯзишворӣ, масрафи сӯзишворӣ, ки дар сутуни 2 инъикос карда мешавад. Дар ҳамин сутун ҳамчунин хориҷ намудани сӯзишворӣ ба шӯъбаҳои манзилию коммуналӣ ё раёсату идораҳои манзилҳои истиқоматии шаҳракҳои коргарӣ, ки дар тарози корхонаи ҳисоботдиҳанда мебошанду дар онҳо барои таъмини гармирасонӣ ва таъмини оби гарм ба биноҳои сукунатӣ дегхона доранд, нишон дода мешавад.

Дар сутуни 4 бояд навишта шавад: инчунин масрафи сӯзишвории корхона ва ташкилотҳо барои таиноти коммуналӣ ва фарҳангию маишӣ, ки дар тарози мустақил қарор доранду сӯзишвориро аз вазорати худ ё аз мақомоти ихроя, тобеи идораи ҳукумат гирифтаанд; Донишкадаҳои таълимӣ (мактабҳо, мактаб-интернатҳо, омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ, донишкадаҳо (институтҳо) ва гайраҳо; муассисаҳои табобатӣ (шифохонаҳо, дармонгоҳо, амбулаторияҳо, нуқтаҳои беҳдоштию тандурустӣ, марказҳои табобатию истироҳатӣ (санаторияҳо), хонаҳои истироҳати ва ғайраҳо), муассисаҳои варзишӣ, (толорҳои варзишӣ, майдони варзишӣ, ҳавзҳои шиноварӣ ва ғайраҳо); муассисаҳои савдо (мағозаҳо, дукону дукончаҳои савдо ва ғайраҳо); муассисаҳои намоишӣ (театрҳо, толорҳои кино, толорҳо, сиркҳо, филармонияҳо, толорҳои консертӣ), китобхонаҳо, осорхонаҳо, намоишгоҳҳо, боғҳои истироҳатию фароғатӣ, марказҳои (студияҳои) эҷодию бадеӣ ва устохонаҳо, корхонаҳои хӯроки умумӣ (фабрика-ошхонаҳо, ошхонаҳо, тарабхонаҳо, қаҳвахонаҳо, чойхонаҳо, буфетҳо ва ғайраҳо), муассисаҳои таъминоти ихтимоӣ, муассисаҳои бачагона (боғчаҳои бачагона ва кӯдакистонхо, хонаҳои кедакон , қасрҳо ва хонаҳои истироҳатии пешоҳангон, хонаҳои пиронсолон ва маъюбон) муссисаҳои коммуналӣ (меҳмонхонаҳо, манзилҳо ва хобгоҳҳои умумӣ барои мусофирон ва донишҷӯён, раёсатҳои идораи хонаҳо ва кооперативҳои манзилию истифодабарӣ), корхонаҳои

хизмати маишии аҳолӣ, дегхонаҳои гармидиҳанда, ки иқтидорашон аз 20 Гкал /соат кам набошаду аҳолиро бо гармӣ таъмин намоянд, инчунин ташкилотҳои таъиноти коммуналӣ ва фарҳангию маиширо бо гармӣ таъмин менамоянд.

Дар ҳамин хо низ дохил карда мешавад: масрафи сӯзишвории зеридораи ҳукумат, ки ба хайати маъмурияти иттиҳодияи шабакаҳои дегхонаҳо ва гармидиҳанда дохил намешаванду дегхонаҳои гармидиҳандае, ки камтар аз 20 Гкал/соат гарми истеҳсол мекунанд, ба фаъолияти гармидиҳӣ ва таъмини оби гарм, ба манзилҳои сукунатӣ, корхонаю ташкилотҳои таиноти коммуналию маишӣ машғуланд.

Сӯзишворие, ки барои эҳтиёҷоти истеҳсолию истифодабарӣ гирифта шудаасту аммо барои эҳтиёҷоти коммуналию маишӣ сарф кардашудааст, дар ҳисоботи шакли №4 таъминот низ дар сутуни 4 нишон дода мешавад.

Корхона ва ташкилотҳое, ки гази табиӣ ва гази моеъро барои эҳтиёҷоти коммуналию-маишӣ аз ҳукумат гирифтаанд, дар сутунҳои 2 ва 4 то сатри 1090 (1150) ҳамаи хароҷот, аз он ҷумла барои эҳтиёҷоти коммуналию маишӣ дар ҳисоботи пешниҳодкардаи ба суроғаи ҳукумат нишон дода мешаванд (сутуни2=сутуни4). Дар ин маврид корхонаю ташкилотҳо дар ҳисобот дар шакли №4 таъминот, ки бо ташкилоти болоии худ, ба идораи омор пешниҳод мекунанд, сутуни 4 «барои эҳтиёҷоти комуналию маишӣ сарф карда шудаст», пур карда намешавад ғайр аз мавридхое, ки газ барои эҳтиёҷоти коммуналию маишӣ пур, аз миқдори барои истеҳсолот таъиншуда ҷудо карда мешавад.

Ба эътибор гирифтан зарур аст, ки дар сутуни 4 масрафи сӯзишвории зерин ба ҳисоб гирифта намешавад:

дегхонаҳои ноҳиявӣ ва маъмурии иттиҳодияҳои дегхонаҳо ва шабакаҳои гармидиҳанда, ки иқтидорашон аз 20 Гкал /соат зиёд аст, сарфи назар аз самти истифодаи гармии истеҳсол кардашуда;

дегхонаҳои корхонаҳои саноатӣ, ки барои эҳтиёҷоти гармию энергетикӣ, коммуналию маишӣ хориҷ карда мешаванд;

нонпазхонаҳо ва заводҳои нонпазӣ.

Агар корхона сӯзишвориро барои гармидиҳӣ ё барои пухтани ғизо бо пардохти махсус ба объектҳои таъиноти коммуналию маишӣ, ки дар тарози мустақил ё дар тарози дигар корхона қарор доранду аммо дар бинои иҷоравии маъмурият ё дар бинои истеҳсолии корхонаи ҳисоботдиҳанда қарор дошта бошанд, эҳтиёҷоте, ки онҳо хизматашонро анҷом медиҳанд, содир карда бошад, дар он сурат ин сӯзишворӣ ба дигар тараф хориҷшуда ҳисобида мешавад ва дар сутуни 4 нишон дода намешавад.

19. Дар сутуни 7 «Ғайр аз ин, аз аввали сол ба коргарону хизматчиён содир карда (фурӯшта) шудааст» ҳамаи сӯзишворие, ки ташкилотҳои фурӯшандаи сӯзишворӣ ва нафти маҳсулоти ба аҳолии хориҷ карданд, инчунин содир намудани сӯзишворӣ ба коргарон ва хизматчиёни корхонаҳои (ташкилотҳои) ҳисоботдиҳанда дохил карда мешавад.

Агар корхона ва ташкилотҳо барои эҳтиёҷоти истеҳсолию истифодабарӣ сӯзишвории гирифтаашонро ба коргарону хизматчиён хориҷ карда бошанд, дар он сурат ин миқдорро низ дар сутуни 7 нишон додан лозим аст.

Миқдори гази табиӣ, ки ба аҳолӣ хориҷ карда шудааст, аз рӯи ҳисобномаи (счети) давраи ҳисобот, бо назардошти меъёри муқарраршуда ва таърифаҳо (дар мавриде, ки арзиши гази масрафшуда бевосита аз тарафи аҳолӣ, сарфи назар аз шаклу усули пардохта мешавад), муайян карда мешавад.

20. Дар сутуни 8 «Бақия дар охири давраи ҳисобот» оварда мешавад: мавҷудияти сӯзишворӣ дар ҳамаи анборхонаҳои умумии заводҳо, мобайнӣ, сехҳо ва дигар анборхонаҳои корхонаҳо, аз ҷумла анборҳои идоравӣ ва захираҳои таъминот, анборхонаҳои корхонаҳои ёвар ва истеҳсолӣ, корхонаҳои коммуналӣ ва фархангию маишӣ, ташкилотҳо, шӯъбаҳои коммуналию манзилӣ. ҳамчунин дар дигар ҷойҳои захирашудаи сӯзишворӣ (худӣ ва иҷоравӣ), ки то охири давраи ҳисобот дар таххонаҳо, зарфҳо, бакҳои автомобилҳо, андозагирхонаҳо, дар анборҳо, дар майдончаҳои бинокорӣ, дар дегхонаҳо, дар дастгоҳҳои истеҳсолӣ ва ғайраҳо боқимонда истифода нашудааст, ҳамчунин бақияи сӯзишворӣ, ки дар локомативҳо ва депоҳо мавҷуданд.

Дар ин маврид ба назар гирифтан зарур аст, ки ба бақияи маҳсулоти моеъи нафт (мазути сӯзишворӣ, сӯзишвории дизелӣ ва ғайраҳо) тамоми хахми сӯзишворӣ, ки дар зарфхонаҳо, аз ҷумла он сӯзишвориҳое, ки ба замин рехта гирифтанашон ғайриимкон аст, ба (бақияи «мурда»), дохил карда мешаванд.

Бақияи сӯзишворӣ дар истеҳсолот, сохтмон, кишоварзӣ ё дигар эҳтиёҷот ба санади масраф расонда шудаанду аммо сарф нашудаанд, дар асоси бозҳисоби онҳо ба шакли асл муйян карда шуда, ба бақияи умумии сӯзишворӣ дар корхонаи мазкур дар охири давраи ҳисобот бояд дохил карда шаванд; ҳамчунин бақияи сӯзишвории ба ин корхона марбутбуда, ки бо кадом сабаб дар дигар корхона нигоҳ дошта шудаанд, бояд дохил карда шаванд: дар бораи миқдори ин бақияҳо зарур аст, ки мулоҳизот ва эзоҳоти дахлдор дар охири ҳисобот бо нишон додани суроғаи корхонаи нигоҳдорандаи сӯзишворӣ ишора карда шавад.

Корхонае, ки дар охири давраи ҳисобот дар он захираи сӯзишворӣ ҳифз шудасту ба дигар корхонаю ташкилот марбут асту берун аз тароз (баланс) ба ҳисоб гирифта шудааст, дар ҳисоботи худ ин сӯзишвориро дохил намекунад. Ин сӯзишворӣ дар ҳисоботи хамон корхонае, ки дар тарозаш ба ҳисоб гирифта шудааст, нишон дода мешавад.

Сӯзишворие, ки дар захираи давлатӣ (захираи низомӣ), ҳифз ва нигоҳ дошта шудаанд, дар паровозу тепловозҳо, ки дар санаи тартиб додани ҳисобот дар сафар мебошад, ба бақияи сӯзишворӣ дохил карда намешавад.

ҳамчунин сӯзишворие, ки дар санаи тартиб додани ҳисобот дар охири истгоҳи рохи оҳан омада, дар вагонҳо, систернҳои ба идораи роҳи оҳани дахлдор мавҷуданд, ҳуҷҷатҳои қабули зезишворӣ ва ҳисобро корхонаҳо пардохтаанду аммо сӯзишворӣ то ҳол аз тарафи муҳосиба ба қайд гирифта нашудаанд, ба ҳисобот дохил карда намешаванд.

Корхонаҳои истеъмолкунандаи сӯзишворӣ, ки худашон низ истеҳсолкунандаи сӯзишворӣ мебошанд, ҳамчунин ташкилотҳо-таъминкунандагони сӯзишворӣ дар сутуни 8 танҳо бақияҳои истеъмолшавандаи сӯзишворӣ, яъне бақияҳои сӯзишворӣ, ки барои ниёзҳои технологӣ, энергетикӣ, кишоварзӣ, коммуналӣ-маишии корхона ё ташкилотҳои фурӯшанда, ба фурӯш барораранда таъин шуданд, нишон медиҳанд. Бақияҳои молии сӯзишворӣ, яъне бақияхое, ки бояд ба ташкилотҳои ба фурӯш барораранда ё бевосита таъминкунандагони истеъмолкунандагон супорида шудаанду, вале бо сабабе аз тарафи ташкилоти ба фурӯш барораранда қабул нашуданд ё аз тарафи истеъмолкунандагон ҳамлу нақл нашуданд, дар сутуни 8 инъикос намеёбанд.

21. Ҷойивазкуни дохили, яъне мадохил ва харҷӣ сӯзишворӣ бо тартиби ҳамлу нақл аз як амбор ба амбори дигар, аз як сех ба сехи дигар, аз майдони сех ба амбор ва дигар ҷойивазкуниҳо дар ҳудуди корхона (ташкилот) ба амал омада бошад, дар ин шакл нишон дода намешаванд.

Агар дар давраи ҳисобот ягон намуди сӯзишворӣ сарф нашуда бошад, дар ин сурат хароҷоти вай хат кашида мешавад ва танҳо дар охири давраи ҳисобот бақия навишта мешавад. Дар мавриди мавҷуд набудани бақия низ хат кашида мешавад.

### Пур кардани фасли 2 «маълумот»

Ин фаслро ҳамон корхонахое пур мекунанд, ки бензини автомобилӣ ва сӯзишвории дизелӣ истемол мекунанд.

22 . Дар сатри 2001 «аз аввали сол дохил шуд-ҳамагӣ» ҳамаи сӯзишворие, ки ба хоҷагиҳои автомобили дар давраи ҳисобот дохил шудааст, сарфи назар аз манбаи дохилшавӣ (аз ташкилоти болоии худ, бо пули нақд харида шудааст, дар натиҷаи қарордоди бартерӣ, аз воридот, аз дигар корхонаҳо ва ташкилотҳо, аз фармоишгарон, аз захираи давлатӣ ва дигар манбаҳо) навишта мешавад.

23. Агар корхонаи истеъмокунанда аз миқдори умумии сӯзишвории гирифташуда миқдори муайяни онро ба корхонаҳову ташкилотҳои вазорати худ (ба мақомоти марказии идораи давлатии худ), ҳамчунин ба хоҷагии ёрирасони худ, ки дар тарози мустақил қарор дорад, дода бошад, он гоҳ ин миқдори муайяни сӯзишворӣ дар сатри 2045 «Аз аввали сол ба корхона ва ташкилотҳои вазорати худ фурӯхта шудааст» бояд ба қайд гирифта шавад.

Агар додани сӯзишворӣ ба корхонаю ташкилотҳои дигар вазоратҳо ҷой дошта бошад, он гоҳ миқдори сӯзишвории додашударо дар сатри 2050 «Аз аввали сол ба корхона ва ташкилотҳои вазорати дигар фурӯхта шудааст» ба қайд гирифта мешавад.

Ба ин хо низ сӯзишворие, ки пештар корхонаи ҳисоботдиҳанда аз захираи давлатӣ гирифта аст ва дар давраи ҳисобот аз захираи корхона баргардонида шудааст, ҳамроҳ карда мешавад.

Агар корхона (ташкилот) сӯзишвориро ба корхонаҳои таиноти коммунали маишӣ, ки зеридораи ҳукумат ба тартиби нисфи хориҷ намояд, он гоҳ ин миқдори сӯзишвориро низ дар сатри 2050 инъикос кардан зарур аст.

Сутунҳои 3 ва 4 дар бораи мадохилот, содироту хароҷоти мазути сӯзишворӣ ва ангиштсанг бо ҳамин тартиб пур карда мешаванд.

Дар ҳисобот роҳбари ташкилоти ҳисоботдиҳанда ва сармусоҳиб имзо мегузоранд.

Барои дурустии маълумот ва риояи мӯҳлати пешниҳоди ҳисобот роҳбари корхонаи ҳисоботдиҳанда хавобгар мебошад.

## ЗАМИМАИ 1

**Эквивалентҳои калориядори баъзе намудҳои сӯзишворӣ, ки дар сатри «Дигар намудҳои сӯзишворӣ» нишон дода шудаанд.**

| Намудиҳои сӯзишворӣ | Эквиваленти миёнаи калория барои бозҳисоби як тоннаи сӯзишвории табиӣ ба таври шартӣ |
|---|---|
| 1 | 2 |
| Пестлоқ (бо 1м. мукаааби анборӣ) | **0,42** |
| Шоху шохчаҳои дарахти сезанбарг, параха (бо1 метри мукааби анборӣ) | **0,05** |
| Порчаҳои чӯбӣ, тароша, аррамайда (1тонн) | **0,36** |
| Кундаҳои дарахт (1м. мукааби анборӣ) | **0,12** |
| Аррамайдаи чӯбӣ (1м. мукааби анбори) | **0,11** |
| Қамиш, коҳ, пахоли зағир, печоқи офтобпараст, пояи шолӣ,(бо ретубати 10 фоизи шартӣ) | **0,50** |
| Хингалак (ғӯзаҳои пахта, ғӯзапоя каллаи хуворимака, (бо рутубати 30 фоизи шартӣ) | **0,33** |
| Ғулачӯбҳои гуногуни биноҳои кӯҳна, ки қобили истифода нестанд, шпалҳои песида аз истифода баромада, корҳошоям сутунҳои алоқа, пояи кон (1м мукааби зич) | **0,260** |
| Саргин | **0,37** |
| Кокси нафтӣ | **1,08** |
| Нафти хом | **1,43** |